Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 – и
назди Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон
(734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, 1/2)

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Зарифзода Моҳира Зариф дар мавзуи «Самтҳои асосии мукаммалсозии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ – меҳнатӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиёт (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.14. – Иқтисодиёти меҳнат ва демография, пешниҳод карда шудааст.**

Баҳодиҳӣ ба автореферати пешниҳодшудаи диссертатсияи Зарифзода Моҳира Зариф дар мавзуи «Самтҳои асосии мукаммалсозии танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиёт (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» нишон дод, ки диссертатсия ба яке аз масъалаҳои мубрам ва муҳими иқтисодиёти меҳнат бахшида шудааст. Таҳқиқот бо забони илмӣ, равон ва фаҳмо таҳия гардида, мазмуну мундариҷаи он ба мақсад ва вазифаҳои дар назди муаллиф гузошташуда мутобиқат менамояд.

Бояд қайд намуд, ки диссертатсия ҳамчун таҳқиқоти илмии тахассусӣ ба анҷом расонида шуда, дар раванди иҷрои он масъалаҳои муҳимми мавзуъ мавриди омӯзишу таҳлил қарор гирифтаанд. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки муаммоҳои асосии муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ва роҳҳои такмили танзими онҳоро дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва асоснок намояд.

Ҳамчунин, мушкилоти мубрами мавзуи таҳқиқот бо истифода аз усулҳои дахлдори илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, барои ҳалли онҳо хулоса ва пешниҳодҳои мушаххас таҳия шудаанд. Натиҷаҳои бадастомада бо маводи таҳлилӣ ва назариявӣ асоснок гардида, дорои аҳаммияти муайяни илмӣ ва амалӣ мебошанд.

Ҳангоми раванди ба даст овардани натиҷаҳо аз автореферат маълум мегардад, ки саҳми шахсии муаллиф дар таҳқиқоти илмии диссертатсия дар муайян намудани мақсад, объект ва предмети таҳқиқот, асоснокунии доираи масъалаҳои мавриди таҳқиқ ва роҳҳои ҳалли онҳо, таҳияи асосҳои назариявию методологии таҳқиқот, ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумоти оморӣ, арзёбии вазъи кунунии муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ, муайян намудани омилҳои асосии таъсиррасон ба бозори меҳнат, омӯзиши таҷрибаи кишварҳои пешрафта ва таҳияи пешниҳодҳои илмӣ-амалӣ оид ба такмили механизмҳои танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ зоҳир мегардад.

Дар сатҳи хеле баланд таҳқиқи асосҳои назариявии муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ, бозори меҳнат ва механизмҳои танзими давлатии онҳо ба роҳ монда шуда, мавқеъҳои назариявии олимони ватанию хориҷӣ таҳлил ва муқоиса гардидаанд. Муаллиф моҳият ва хусусиятҳои муносибатҳои иҷтимоию меҳнатиро дар шароити тағйирёбии иқтисодӣ, рушди инноватсия

ва рақамикунонии бозори меҳнат мавриди омӯзиш қарор дода, заминаҳои назариявию методологии таҳқиқоти минбаъдаро муайян намудааст.

Дар натиҷаи таҳқиқот ба муаллиф муяссар шудааст, ки самтҳои асосии такмили танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатиро дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намуда, омилҳои таъсиррасон ба рушди бозори меҳнатро таҳлил ва гурӯҳбандӣ кунад, таҷрибаи кишварҳои пешрафтаро мавриди омӯзиш қарор дода, имкониятҳои мутобиқсозии унсурҳои мусбати онҳоро ба шароити миллӣ асоснок намояд. Ҳамзамон, муаллиф як қатор пешниҳодҳои амалӣ, аз ҷумла рушди муносибатҳои меҳнатӣ дар заминаи рақамикунонӣ, такмили шарикии иҷтимоӣ ва истифодаи модели таҳсилоти дуалиро пешниҳод кардааст.

Муаллиф таъкид кардааст, ки ба хотири муайян намудани моҳият ва хусусиятҳои асосии бозори меҳнат ва муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ, ҷанбаҳои калидии онҳоро дар доираи назариявӣ ба чанд шакли асосӣ ҷудо намудан мумкин аст. Аз ҷумла, қувваи корӣ ҳамчун мол, зарурати танзими давлатӣ ва шаклҳои гуногуни муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ, аз қабили шарикии иҷтимоӣ, ҳамоҳангӣ, кумакҳои моддӣ, маҳдудсозӣ ва ихтилофҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Чунин гурӯҳбандӣ барои равшан намудани муносибатҳои байни субъектҳои бозори меҳнат ва муайян намудани нақши танзими давлатӣ аҳаммияти муайян дорад.

Муаллиф бо истифода аз ҷадвали пешниҳодшуда хусусиятҳои шаклҳои асосии муносибатҳои иҷтимоию меҳнатиро шарҳ дода, зарурати ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кормандон ва ҳамоҳангсозии муносибатҳои байни корманд, корфармо ва давлатро нишон додааст. Муҳим аст, ки муаллиф мафҳуми шуғлро яке аз унсурҳои асосии бозори меҳнат арзёбӣ намуда, онро бо раванди меҳнат ва ба даст овардани даромад алоқаманд медонад. Дар натиҷаи таҳлил муаллиф ба хулосае меояд, ки ҷаҳонишавии равандҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва тағйироти баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ба муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ таъсири назаррас расонида, барои ташаккули шаклҳои нави бозори меҳнат ва муносибатҳои меҳнатӣ замина фароҳам овардааст (саҳ. 17–18).

Бояд зикр намуд, ки натиҷаи илмии дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастовардашуда метавонад дар таҳқиқоти оянда, ки ба самти иқтисодиёти меҳнат ва демография, рушди бозори меҳнат, такмили механизмҳои танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ, сиёсати шуғл ва рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона мегарданд, ҳамчун заминаи назариявию методологӣ истифода шавад.

Муаллиф ба ҳадафҳои дар таҳқиқоти илмӣ гузошташуда ноил шуда вазифаҳои онро иҷро намудааст. Матни автореферат ва мақолаҳои ба нашррасонидаи муаллиф мазмун ва мундариҷаи асосии диссертатсияро фарогир мебошад.

Омӯзиши матни автореферати диссертатсияи ба тақриз пешниҳодгардида нишон дод, ки он дар асоси талаботҳои муқарраргардида таҳия карда шудааст.

Дар баробари дастовардҳо дар автореферат баъзе камбудиҳо низ мушоҳида мешаванд:

1. Дар автореферати диссертатсия масъалаи омилҳои таъсиррасон ба талаботи бозори меҳнат, бахусус таъсири онҳо ба ташаккул ва тағйирёбии талабот ба қувваи корӣ, ба андозаи зарурӣ муфассал шарҳ дода нашудааст.
2. Дар баъзе ҷумлаҳои матни автореферат хатогиҳои техникӣ, имлоӣ ва услубӣ ба назар мерасанд.

Камбудиҳои дар боло қайдгардида моҳияти илмӣ ва назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва эътибори онро паст намекунад.

Автореферат ва маводҳои нашршуда ба пурраги таркиби диссертатсиониро дар бар мегиранд.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Зарифзода Моҳира Зариф дар мавзуи «Самтҳои асосии мукаммалсозии танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиёт (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ буда, аз ҷиҳати сохтор, мазмун ва натиҷаҳои бадастомада ба талаботи муқарраргардида ҷавобгӯ мебошад. Бо дарназардошти натиҷаҳои таҳқиқот ва аҳаммияти назариявию амалии онҳо, Зарифзода Моҳира Зариф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.14 – Иқтисодиёти меҳнат ва демография сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент
мудири кафедраи соҳибкорӣ ва иқтисодиёти соҳавии
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва
соҳибкории Тоҷикистон Одиназода К.С.
«____»________________ 2026с

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе,
Хиёбони Борбад, 48/5
Тел./Fax: (+992) 37 234-88-02, (+992) 37 234-88-24
Почтаи электронӣ: E-mail: rectorate@iutet.tj
Нишонии сомона дар шабакаи интернет: https://www.iutet.tj

Имзои доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент мудири кафедраи соҳибкорӣ ва иқтисодиёти соҳавии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Одиназода К.С.. - ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДБССТ Ҷӯраев Ш.Н.
«____»________________ 2026с